


# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ИДОРАИ САЙЁҲӢ

**бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон № 8/9 аз 13. 04. 2006 ва фармоиши ректори донишгоҳ № 55-ФА аз 07.01.2011 таъсис дода шудааст. Факултет дорои 11 синфхона, 1 озмоишгоҳи компютерӣ, 2 кафедра, 7 кошонаи корӣ мебошад.**

Айни замон дар факултет зиёда аз 500 нафар донишҷӯ аз рӯйи 7 ихтисос: менеҷменти иҷтимоӣ; менеҷменти молиявӣ; иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ; идораи мақомоти маҳаллӣ; география, ихтисоси иловагӣ (демография); география-ҳифзи табиат; географияи иқтисодӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд: Дар факултет ду кафедракафедраи менеҷмент, кафедраи географияи иқтисодӣ ва методикаи таълими география фаъолият менамояд. Кафедраҳои факултет бо кафедраҳои донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он равобити зичи илмӣ доранд.

Аз ҷумла, бо кафедраҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Русия Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ.